# ТАҚРИЗ

**доир ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм таълифнамудаи Абдуллоева Меҳри Менгуловна дар мавзуи “Роҳнамоии психологӣ-педагогии оилаи донишҷӯён дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон” аз рӯи ихтисоси 19.00.07 - психологияи педагогӣ.**

Абдуллоева Меҳри Менгуловна 29 марти соли 1966 дар ш. Кӯлоб дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Солҳои 1981-1984 Омӯзишгоҳи омӯзгории ш. Кӯлобро бо ихтисоси “педагогика ва психология” хатм намудааст. Солҳои 1986-1989 дар вазифаи ҳуҷҷатгузори шӯъбаи ғоибонаи донишгоҳи номбурда кор кардааст. Солҳои 1989 - 1994 таҳсил дар факултаи омӯзгории муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ихтисоси “педагогика ва психология”. Солҳои 1994 то 2009 - лаборанти кафедраи математика, минбаъд лаборанти калони кафедраи забони тоҷикии факултаи забон ва адабиёти тоҷик. Солҳои 2009-2011-методисти шӯъбаи ғоибонаи факултаи забон ва адабиёти тоҷик. Аз соли 2011 то имрӯз дар вазифаи ассистент ва баъдан саромӯзгори кафедраи психологияи умумидонишгоҳии “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ихтисоси “педагогика ва психология” фаъолият доранд.

Тибқи фармоиши ректори муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” аз 18.03.2015 таҳти №37 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии психология қабул шудааст.

Диссертатсияи таълифнамудаи Абдуллоева М.М., аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулосаи умумӣ, адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, дар муқаддима, мақсад ва фарзияи кор ва дар ин замина вазифаҳои асосии муҳаққиқ, методологияву методҳои пажӯҳиш,

навгониҳои илмиву эътимоднокӣ ва муҳимияти назариявии диссертатсия мушаххасан баррасӣ гардида, ниҳоят, аҳамияти амалӣ ва мавридҳои муаррифии натиҷаҳои бадастомада аз он, таъкид гардидааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки ҳаёти донишҷӯӣ худ як давраи тағйироти назаррас ва мутобиқшавиро дар бар мегирад, дар ин давра ҷавонон бо мушкилоти нав, аз қабили мустақилият, зарурати худташкилкунӣ ва идоракунии вақт рӯ ба рӯ мешаванд. Дастгирии психологӣ ва ҷалби оилаҳо дар ин раванд метавонад ба мутобиқшавии донишҷӯён ба таври назаррас мусоидат кунад ва баъдан ба муваффақияти таълимӣ ва сатҳи некӯаҳволии онҳо, устувор нигоҳ доштани оилаи солим, таъсир расонад.

Дастгирии психологию педагогӣ дар навбати худ имкон медиҳад, ки оилаҳои ҷавони донишҷӯён дар баробари нигоҳ доштани оилаи худ, ҳамзамон ба комёбиҳои назарраси таълимӣ низ ноил гарданд ва ин ноилгардиҳо аз оилаи донишҷӯён вобастагии сахт дорад. Зеро агар оилаи ҷавони донишҷӯ дорои мушкилотҳои оилавӣ бошад, донишҷӯ фикраш бештар дар мушкилоти оилавӣ андармон шуда, ба таълим аҳаммияти заруриро дода наметавонад.

Вобаста ба мавзӯъ аз тарафи диссертант барои ошкор ва муайян намудани вазъи оилаҳои донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав таҳқиқот гузаронида, натиҷаҳои ба дастовардаро дар рӯзнома ва маҷалаҳои тақризшаванда, мақолаҳо нашр намудааст.

Дар давраи таҳия ва омода намудани диссертатсия барои дифоъ, Абдуллоева М.М., ҳаҷми назарраси адабиёти илмиву психологӣ ва педагогиро роҷеъ ба мавзӯи таҳқиқ, мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, масъулиятшиносиву кордонӣ, суботу ҳадаҳфмандӣ, сатҳи баланди қобилият ба кор ва мустақилиятро нишон додааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои диссертант мантиқан аз муҳтавои умумии рисола бармеояд. Автореферат мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос мекунад.

Матлабҳои асосии назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаҳои кафедраи умумидонишгоҳии психологияи муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар конфронсҳои байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ироа ва дар маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Ҳамзамон 17 мақолаю фишурдаҳои муаллиф, аз ҷумла 6 адад мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия тавсияшуда, нашр гардидаанд.

Диссертатсия кори мустақилона ва илмию тахассусӣ буда, ҳалли масъалаи мубрами барои илм ва амалияи психологӣ - педагогӣ муҳимро дар бар мегирад ва ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад ва барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 19.00.07 - психологияи педагогӣ, тавсия дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, Н.М. Юнусова

**Маълумот барои тамос:** 734025.Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел:(992) 3722-21-77-11.

Имзои профессор Н.М. Юнусова -ро тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

28.02.25